# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзӯи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Зарурияти омӯзишу таҳқиқи самтҳои соҳаи маориф дар шароити Тоҷикистон тақозои замон мебошад. Таърихи сиёсии кишварҳои олам ба мо шоҳидӣ медиҳанд, ки ба комёбиҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, саноатӣ ноил гардидани онҳо аз пешравиҳои соҳаи маориф сарчашма гирифтааст. Ҳатто баъзе аз давлатҳои олам дар натиҷаи ҷангу мунокишаҳо шикаст хурда, омилҳои азбайнравиашон ба миён омада буданд. Онҳо дар натиҷаи таваҷҷуҳ кардан ба соҳаи маориф ва илм барқарор гардида, боз дубора ба кишварҳои абаркудрати дунё табдил ёфтанд.

Таҷрибаи таърихи халқҳои дунё ба ҷомеаи мо низ заминаи назариявию амалӣ гардидааст. Тоҷикистон низ дар натиҷаи азбайравии Иттиҳоди Шӯравӣ дар остонаи истиқлолияти сиёсӣ ба мушкилиҳои дохилӣ гирифтор шуда, онро дар шакли фоҷиаи сиёсӣ аз сар гузаронида буд. Он боиси инҳисороти зиёди истеҳсолӣ ва фалаҷ шудани мактабу маориф оварда расонид. Таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди соҳавӣ ва пешравиҳо дар самти маориф ба чунин мушкилиҳо хотима бахшид. Чунки яке самтҳои асосии сиёсати давлатии Тоҷикистонро мустаҳкам намудани сохтори ҳокимияти давлатӣ, яъне таҳкими соҳаи маориф ва рушди соҳаи илм дар кишвар мебошад.

Дар сиёсати иҷтимоии мамлакат бахши маориф яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб ёфта, рушду инкишофи он воситаи беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва такмил ёфтани низоми идории ҷомеа мегардад. Таҳкими идораи маориф ва илм боиси боз ҳам беҳтар шудани таълиму тарбияи насли наврас ва қишрҳои ҷомеа маҳсуб меёбад.

Дар ин асосҳо, аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки диссертант бо таваҷҷуҳ ба мавридҳои зикргардида ба соҳаи маориф ва илм аз диди рушди ин соҳаи ҳаётан муҳими сиёсӣ таваҷҷуҳ намудааст. Тамоми раванди рушду инкишофи соҳаи маорифро дар давоми истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот ва рушду инкишофи соҳаҳои гуногун аз лиҳози илмӣ омӯхта, ба таври мақсаднок ин масъаларо мавриди тадқиқи илмӣ қарор додааст (С.5-9).

Яке аз қисматҳои муҳими тадқиқоти мазкур дар он аст, ки дар шароити истиқлолият таваҷҷуҳи ҳукумати мамлакат ҷиҳати танзим ва таҳкими соҳаи маориф бо маром анҷом ёфта, дар ин самт ҳадафҳои стратегии давлат амалӣ гардидааст. Чунин натиҷагирӣ аз диди муаллиф иҷрои сиёсати давлатӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ бидуни танзими дурусти сиёсати давлатӣ

дар соҳаи маориф ғайриимкон буда, сабаби ақибмондагии фаъолияти сохторҳои гуногуни ҳокимият мегардад. Инчунин, раванди омӯзиш ошкор намуд, ки танзими санадҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ба меъёр ва арзишҳои сиёсӣ ба мисли эҳсоси милӣ, дараҷаи ватандустӣ, арҷгузори ба арзишҳои давлату миллат, пос доштани таъриху фарҳанги аҷдодӣ, ки тамоми ин меъёрҳо ҷиҳати таълиму тарбияи соҳаи маориф заминаи мусоид мегардад, таваҷҷуҳи хосса дода шудааст. Чунки хатару таҳдидҳои дохилию берунӣ ва таъсири манфии раванди ҷаҳонишавӣ барои нокомил сохтани соҳаи маориф мусоидат намуда, барои барҳам задани фазои суботу оромӣ дар кишвар шароит фароҳам меорад. Чунин мазмун гирифтани масъала дар автореферати диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич ба таври махсус қайд гардида, доир ба танзиму идораи сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва таҳким додани сатҳу сифати таҳсилот дар тамоми муассисаҳои таълимии мамлакат тадқиқот анҷом анҷом дода шудааст.

Ба ин мазмун, пешравиҳои тадиқиқоти дар кори илмии мазкур нисбат ба камбудию норасоиҳои он бештар мушоҳида мегарданд. Муваффақ гардидани муаллиф ба чунин имкониятҳо пеш аз хама ба сохтор ва чаҳорчубаи мантиқию илмӣ ва интихоби муносиби номи мавзӯи он мебошад, ки дар ин сатҳ иҷро намудани он на ба ҳар муҳаққиқ муяссар мегардад (С.12).

Фишурдаи мазмуни кори илмӣ ва тартиби илмию мантиқии автореферати диссертатсия дар сохтори он, ки аз ду боб ва панҷ зербоб иборат мебошад.

Аз тадқиқоти мукаммали анҷомёфта дар сохтор, тартиботи илмӣ ва мантиқии диссертатсия ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллиф барои тағйиру пешрафти соҳаи маорифу илм аз истифодаи имкониятҳои дигар ба мисли: технологияи инноватсионӣ, зеҳни сунъӣ, илмҳои техникӣ, табиъию риёзӣ ба таври зарурӣ истифода намудааст. Оиди масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми суханрониҳояшон доир ба пешравиҳои олам, омӯзиши дараҷаи баланди илмҳои дақиқ, табиъӣ ва риёзӣ, инчунин соҳаи зеҳни сунъӣ таъкид менамоянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти анҷомдодаи хеш дуруст мақсад гузошта, баҳри тағйиротҳои мусбӣ додани ин соҳа дар кишвар дар кори илмиаш мақсадҳои муайян гузоштааст (С.9-14). Бо ин мазмун, муаллифи рисола тавонистааст тамоми ҷузъиётҳои зарурие, ки бевосита ба тарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, мавриди таҳқиқоти илмии хеш қарор диҳад.

Навгонии илмию омӯзиши дар ин самт нишон медиҳад, ки диссертатсия яке аз кӯшишҳои аввалини омӯзиш ва тадқиқи мавзуи илмӣ дар самти танзими сиёсати маориф дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, муаллиф ба таври назариявӣ ва амалӣ ба масъалаҳои

ҷойдоштаи соҳа таваҷҷуҳ намуда, таҳқиқи онро вобаста ба шароити имрӯза ва оянда натиҷагирӣ намудааст.

Муаллифи рисола ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеши худ гузошта ба омӯзиши мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, тамоми ҷузъиётҳои ҷойдоштаи диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва методологияи мантиқии таҳқиқоти илмиро ба таври возеҳу равшан тасвир намудааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ назару андешаҳои ҷолиб баён намуда, зимни баррасии натиҷаҳои илмии диссертатсия, тавсияҳоеро барои истифодаи амалии натиҷаҳои илмии рисола зикр кардааст.

Дар баробари комёбиҳо дар автореферати диссертатсия баъзе норасогиҳо ба мушоҳида мерасанд:

- дар автореферат доир ба таҳия ва иҷроиши қонунҳои амалкунандаи байналмиллаӣ ба соҳаи маориф дар шароити Тоҷикистон кам маълумот дода шудааст;
- дар автореферат аз маъхазу сарчашмахои илмии хориҷӣ оид ба воқеияти сиёсати соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар маълумот оварда шудааст;
- дар автореферат ҳанӯз хатогиҳои имлоӣ ва техникие ҷой доранд, ки дар маҷмуъ мазмуни корро коста намегардонад.

Новобаста аз ин камбудиҳои зикршуда, автореферат хислати тавсиявӣ дошта, мазмуни диссертатсияро ифода менамояд. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки он дорои навгонии назарраси алмӣ буда, дар рушди илмҳои сиёсии ватанӣ, аз ҷумла танзими сиёсат дар соҳаи маорифи кишвар аҳамияти назарраси илмӣ дорад. Аз ин рӯ, бо назардошти мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуктаҳои асосии диссертатсия коста нагардида, диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзӯи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» пурра ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда метавонад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба**
**номи академик М.С. Осимӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ** **Мусоев Ш.М.**

**Имзои Мусоев Ш.М.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи**
**академик М.С. Осимӣ, н.и.и.** _______________ **Қодирзода Н.Ҳ.**

Суроғаи муассисаи пешбар: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо 10. Телефон: 992(37) 213511. E-mail: rector@hgu.tj

19.09.2025